Ба Шурои диссертатсионии 6DKOA- 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати ба диссертатсияи Аъзамова Таҳмина Туйчиевна дар мавзуи "Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар тоҷикистони муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**пешниҳод гардидааст.**

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва дар заминаи ин рушди низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ тақозо менамояд, ки бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ба ин муҳит ворид шуда фаъолияти худро бо талаботҳои рақамикунонӣ ва ҷомеа мувофиқ намоянд. Аз ҳамин хотир мавзӯи интихобнамудаи муаллиф дар шароити имрӯза муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқи он заҳмади зиёдро тақозо менамояд.

Муаллифи диссертатсияи илмӣ Аъзамова Тахмина Туйчиевна ба мварид қайд намудааст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар радифи ин низоми бонкӣ як марҳалаи мураккабро бо таъсири ҷанги шаҳрвандӣ аз саар гузаронида, бо шарофати талошҳои пайваста ва ислоҳоти иқтисодӣ ба нтиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамчунин муаллиф иброз намудааст, ки новобаста аз оне, ки рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамқадами Истиқлолият мебошад, бо тағйиротҳои рушди ба оянда нигаронидашуда пеш меравад ва ин пешравиро ҳамчун ҳадафи устувор ва доманадори худ қарор додааст. Кобили дастгирист, ки муаллифи рисолаи илмӣ иброз медорад, ки марҳалаҳои рушди бозори қаблии бонкӣ ва бозори муосири хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз як қатор талошҳои роҳбарияти олиии кишвар дар заминаи қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва фармоишҳои дахлдори соҳавӣ тамоили болоравиро касб намуда, марҳала ба марҳала бозори хизматрасониҳои худро васеъ намуд.

Дар сатҳи баназаргирии ҳамаи ин зарурияти мавзӯи интихобнамудаи Аъзамова Тахмина Туйчиевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон актуалӣ буда дар ин самт ӯ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Аммо ба назари мо агар унвонҷӯ Аъзамова Т.Т дар рисолаи илмӣ ва автореферати худ муаммоҳои низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкиро инъикос менамуд сифати таҳқиқоти илмӣ бурд менамуд.

Вобаста ба дастовардҳои муаллиф дар самти таҳқиқот бояд гуфт, ки диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи "Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба таври фарогир ба анҷом расида, апарати илмии он аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ба талаботҳои мавҷудаи КОА ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент,**
**декани факултети технологияҳои**
**иттилоотӣ ва зеҳни сунъии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Нусратзода М.Н.**

**Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе кӯч. Н.Қарабоев, 63/3**
**Телефон: (+992) 2-34-79-88**
**Факс: (+992) 37-234-79-88**
**E-mail: rectorat-tut@mail.ru**

**Дурустии имзои Нусратзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям**

**Сардори РКК ва Н ДТТ** **Абдуназаров А.Ч**